**Хулосаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №______**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 6 июни соли 2024, №26**
**Барои сазовор донистани Раззоқзода Тамкин Мурод, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод "Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 29 марти соли 2024, суратмаҷлиси №24 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2022, №128/ шд тасдиқ гардидааст) қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Раззоқзода Тамкин Мурод, соли 1990 ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 ноҳияи Айнӣ ба синфи якум рафта, соли 2001 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40 ноҳияи Айниро хатм намудааст. Соли 2002 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ (ДДМТ) дохил шуда, соли 2007 факултети мазкурро бо дипломи аъло хатм намудааст.

Аз декабри соли 2007 ба ҳайси нозири калони шуъбаи ташкилӣ - нозиротии раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ба кор қабул карда шуда, минбаъд то соли 2019 дар вазифаҳои гуногуни мақомот фаъолият намуда, айни замон сардори шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Раззоқзода Тамкин Мурод аз 10 марти соли 2022 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳозира кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси ҳимояшаванда ба тариқи буҷавӣ қабул гардидааст (фармоиши ректор аз 10 марти соли 2022, №14/1-ҳ/қ).

**Мавзуи диссертатсия** – “Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ҷаласаи Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2022 №10/10 тасдиқ карда шудааст. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласа ва семинарҳои он борҳо муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст (аз 06 январи соли 2024, суратмаҷлиси кафедра №06).

**Роҳбари илмӣ:**

**Иброҳимов Солеҳҷон Иброҳимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Маликова Гулчехра Рихсиходжаевна** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ходими калони илмии Институти қонунгузорӣ ва сиёсати ҳуқуқии назди Президенти Ҷумҳурии Узбекистон;

**Шарифзода Парвини Раҳмулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини сардори шуъбаи адъюнктураи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи тақриздиҳанда:**

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд). Дар хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ, н.и.ҳ., дотсент Бобоев А.Х. ва мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва меҳнатӣ, н.и.ҳ, дотсент Санавваров Ғ.Б. (аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ) имзо гардидааст, қайд мегардад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҳамзамон, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М]** Раззоқзода, Т.М. Оид ба баъзе масъалаҳои салоҳияти раиси вилоят, шаҳр, ноҳия [Матн] / Б.Ҳ. Раззоқов, Т.М. Раззоқзода // Қонунгузорӣ. – Душанбе, 2018. – №4 (32). – С. 101-105.

**[2-М]** Раззокзода, Т.М. Классификация местных органов исполнительной власти в Таджикистане [Текст] / Т.М. Раззокзода // Государственное управление. – Душанбе, 2021. – № 4/2 (54). – С. 223-230.

**[3-М]** Раззокзода, Т.М. Система местных органов испонительной власти РТ: организационно-правовой аспект [Текст] / С.И. Иброхимов, Т.М. Раззокзода // Государственное управление. – Душанбе, 2023. – №3 (62). – С. 224-231.

**[4-М]** Раззоқзода, Т.М. Моҳият ва таъиноти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идораи давлатӣ [Матн] / Т.М. Раззоқзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2023. – №4 /2 (64). – С. 360-368.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М]** Раззоқов, Т.М. Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии тамоси мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллӣ [Матн] / Б.Ҳ. Раззоқов, Т.М. Раззоқов // Ҳаёт ва қонун. – Душанбе, 2015. – №2. – С. 43-50.

**[6-М]** Раззоков, Т.М. Некоторые правовые вопросы организации местных органов исполнительной власти в Республики Таджикистан [Текст] / Б.Х. Раззоков, Т.М. Раззоков // Вестник ТГУК. – Душанбе, 2015. – №4 (13). – С. 124-131.

**[7-М]** Раззоков, Т.М. Правовые вопросы организации местной власти в Республики Таджикистан [Текст] / Б.Х. Раззоков, Т.М. Раззоков // Социальная значимость правовых знаний в жизни российского общество: Материалы международной научно-практической конференции. – Воронеж, 2016. – С. 108-113.

**[8-М]** Раззокзода, Т.М. Правовые вопросы совершенствования модели местного управления в Республики Таджикистан [Текст] / Т.М. Раззокзода // Материалы Всероссийская научно-практическая конференции «Правовые проблемы укрепления Российской государственности». – Томск, 2019. – С. 77-79.

**[9-М]** Раззоқзода, Т.М. Салоҳияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ [Матн] / Т.М. Раззоқзода // Маҷмуаи мақолаҳои форуми илмии умумидонишгоҳии «Қонуният ва низом дар идораи давлатӣ». – Данғара, 2020. – С. 83-86.

**[10-М]** Раззоқзода, Т.М. Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии интиқоли ваколат дар сатҳи маҳаллӣ [Матн] / Т.М. Раззоқзода // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии апрелии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-

солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳкими давлатдории миллии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ. – Душанбе, 2021. – С. 317-321.

**[11-М]** Раззоқзода, Т.М. Ҷанбаҳои ҳуқуқии ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ [Матн] / Т.М. Раззоқзода // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Худидоракунии маҳаллӣ дар низоми идоракунии иҷтимоӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳаллӣ он». – Душанбе, 2021. – С. 178-184.

**[12-М]** Раззоқзода, Т.М. Моҳияти санадҳои ҳуқуқии идораи маҳаллӣ [Матн] / Т.М. Раззоқзода // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Масоили мубрами мурофиаи маъмурӣ: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳаллӣ он». – Душанбе, 2022. – С.198-205.

**[13-М]** Раззоқзода, Т.М. Оид ба масъалаҳои ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон намудани қоидаҳое, ки мақомоти маҳаллии ҳокимият муқаррар менамоянд [Матн] / Т.М. Раззоқзода // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Ҷавобгарии маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳал». – Душанбе, 2023. – С.170-176.

Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

Степаненко Ю.В. – профессори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва мурофиавии муассисаи федералии давлатии автономии таҳсилоти олии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Москва ба номи О.Е. Кутафин (МГЮА), доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

Қудратов Н.А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байнанмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Каримов Ҳ.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон;

Қиёмидинов С.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мушовири директори генералӣ-сардори шуъбаи аудити дохилии Ҷамъияти саҳомии кушодаи "НБО Роғун";

Наимов Б.Ғ –дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснок дошта, манзур гардидаанд. Эродҳо асосан нуқтаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, асосҳои ҳуқуқии ташаккул ва рушди мақомоти идораи давлатӣ, таснифоти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, тамос ва ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллӣ бо мақомоти намояндагии маҳаллӣ, яъне маҷлиси вакилони халқ, санадҳои ҳуқуқии идораи маҳаллӣ ва монанди ин масъалаҳоро фаро мегиранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда алоқамандии зич доранд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

– асосҳои ҳуқуқии давраҳои ташаккул ва рушди сатҳи маҳаллии идораи давлатӣ ба таҳқиқот фаро гирифта шудааст;

– таснифи мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия пешниҳод карда шудааст;

– мафҳуми идораи маҳаллӣ ва идора давлатии маҳаллӣ таҳия ва пешниҳод шудааст;

– мафҳуми мақоми давлатӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст;

– мафҳуми мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия таҳия ва пешниҳод шудааст;

– масъалаҳои тамос ва ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва мақомоти намояндагии маҳаллӣ ба таҳқиқот фаро гирифта шудаанд;

– масъалаҳои вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудаанд;

– санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия мавриди таҳлил қарор дода шудааст;

– таҳқиқи ҷанбаҳои вогузор намудани ваколат дар сатҳи идораи маҳаллӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

– паҳлуҳои дигари масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ таҳлил гардида, камбудӣ ва норасоиҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ошкор ва роҳҳои бартараф намудани онҳо пешниҳод карда шудааст.

Як қатор мафҳумҳо дар рисола таҳия ва коркард гардида, таклифҳои алоҳида бобати тағйир додан ва такмил додани моддаҳои дахлдори қонунгузории танзимкунандаи ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардидаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки:**

– маводи рисолаи диссертатсионӣ донишҳои илмиро дар самти омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии

ҳокимияти иҷроия дар ҶТ мукаммал гардонида, барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамояд;

– натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои ҳуқуқӣ вобаста ба ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия такмил дода шуда, камбудиву норасиҳои ҷойдошта дар сатҳи қонунгузорӣ бартараф карда шаванд;

– бобати такмили минбаъдаи масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ мусоидат менамояд.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва хусусии маърифати илмӣ, аз ҷумла, усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мушаххасӣ-сотсиологӣ ва ғ. ба таври васеъ истифода карда шудааст.

Ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии осори олимон ватанию хориҷӣ ба монанди А.М. Диноршоҳ, Х. Ойев, И.А. Имомов, С.А. Раҷабов, С.Р. Раҷабов, С.М. Касимов, А.М. Барнашов, Ю.М. Козлов, Д.Н. Бахрах, К.С. Белский, И.В. Черкасов, Е.С. Хозикова, К.В. Болотина, Н.И. Глазунова, А.И. Лепешкин, А.И. Лукянов, И.А. Азовкин, Б.М. Лазарев, В.Г. Вишняков, Е.В. Черкасова, В.Е. Чиркин, Н.В. Ювитса, Ю.А. Тихомиров, В.А. Юсупов, А.М. Осавелюк, Ю.Н. Старилов, Д.М. Овсянко, Е.Б. Айтказинов, В.Г. Афанасев, Б.В. Россинский ва дигарон дар раванди таҳияи диссертатсия омӯхта шудаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастомадаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

– нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории маъмурии кишвар дар самти такмили масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ саҳмгузор бошанд;

– натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар тадриси фанҳои “Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Низоми мақомоти идоракунии

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ҳамзамон, ҳамчун маводди илмӣ ва таълимӣ дар донишгоҳҳои олии касбӣ ва курсҳои такмили ихтисос ба роҳ монд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон додаанд, ки:**

– нуқтаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ҳуқуқи маъмурӣ, махсусан масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамоянд;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳои асарҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии фаъолияти мақомоти баррасишаванда дар давлатҳои хориҷӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳҳеҳона ва мусбии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин менамоянд;

– натиҷаҳои илмӣ, тавсия ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илми ҳуқуқи маъмурӣ пазируфташуда мазмуни ва моҳияти махсуси худро дошта, навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд;

– навгонӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, инчунин такмили минбаъдаи низоми мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмили сохторҳои идораи маҳаллӣ ва ғайра метавонанд мусоидат намоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** бо сатҳи навгониҳои диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тасдиқ

мегарданд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 6 июни соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Раззоқзода Тамкин Мурод дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ, аз 11 нафар аъзо, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2022, №128/ шд тасдиқ гардидааст, 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла, доктирони илм 4 нафар ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар маҷлис иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, блютенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Ғафурзода А.Д.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Рустамзода Ҷ.Ю.**

**6 июни соли 2024**